**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-059-и**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**Такриз**

**ба автореферати диссертатсияи Раҳмонзода Муҳаммад Ҷамшед дар мавзӯи "Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст**

Диссертатсияи Раҳмонзода Муҳаммад Ҷамшед ба яке аз мавзӯъҳои муҳими хусусияти назариявӣ ва амалидоштаи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар замони муосир бахшида шудааст.

Дар низоми иқтисодии давлатҳои муосир унсури хеле муҳим ва зарурӣ низоми бонкӣ мебошад, ки солимии иқтисодиёти ҳар давлат бештар ба фаъолияти ин низом вобастагӣ дорад. Одатан аз сифати фаъолият ва шумораи бонкҳои амалкунанда фарҳанги иқтисодии давлатро баҳо медиҳанд. Фаъолияти низоми бонкӣ боиси бавуҷудоии муносибатҳои ҷамъиятии гуногун мегардад, ки меъёрҳои ҳуқуқӣ ҳамчун танзимгари ин муносибатҳо хизмат мекунанд, ки маҳаки асосии автореферати диссертатсияи Раҳмонзода М. Ҷ-ро ташкил медиҳад. Қайд намудан ба маврид аст, ки ҳанӯз аз солҳои аввали соҳибистиқлолӣ дар натиҷаи татбиқи бомароми ислоҳоти иқтисодӣ ва сохторӣ дар кишвар, заминаҳои меъёрии ҳуқуқии низоми молияи кишвар, бахусус фаъолияти бонкӣ тадриҷан такмил дода шуданд. Эътирофи шаклҳои гуногуни моликият, аз ҷумла моликияти хусусӣ, инчунин гузариш ба низоми иқтисоди бозорӣ дар умум ба таъсис ва фаъолияти бонкҳои бо шаклҳои гуногуни моликият асосёфта боис гаштанд. Маҳз натиҷаи ин ислоҳот дар қонунгузории ҷиноятии соли 1998 криминализатсия намудани м. 263 КҶ

ҶТ – «Фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ» гардид, ки бахри ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии муносибатҳои ҷамъиятӣ дар самти фаъолияти бонкӣ равона карда шудааст.

Аз ин ҷост, ки Раҳмонзода Муҳаммад Ҷамшед бо далелҳои котеъ ва раднопазир, инчунин бо истифода аз санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, таҷрибаи судиву тафтишотӣ, гузаронидани пурсишҳои сотсиологӣ, таҳлили дақиқи омори ҷиноятӣ фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ дар автореферати диссертатсия пешниҳод намудааст. Дар доираи таҳқиқоти мазкур муаллифи автореферат тавонистааст, парда аз рӯйи торикиҳои ҷинояти мазкурро бардошта, нозукбинона ва воқеъбинона ба проблемаҳои мавҷудаи фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ баҳо додааст.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ихтисорот, муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва номгӯи адабиёт (маъхазҳо) иборат мебошад. Дар муқаддимаи диссертатсия аҳамияти мавзӯи мазкур вобаста ба ҳаёти имрӯзаи ҷомеаи ҷаҳонӣ оварда шуда, қобили қабул мебошад.

Муаллифи диссертатсия дар натиҷаи пайдарҳамии проблемаҳои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ аз қабили инкишофи қонунгузории ҷиноятии ҶТ оид ба фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ҷинояти фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мутобиқи қонунгузории давлатҳои хориҷи наздик (давлатҳои аъзои ИДМ) ва кишварҳои хориҷи дур, аломатҳои объективии ҷинояти фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ, мафҳум ва аломатҳои мусодираи молу мулк, мақсади мусодираи молу мулк, инчунин, проблемаҳои иҷрои аломатҳои субъективии ҷинояти фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ, аломатҳои бандубасткунандаи фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ, фарқияти ҷинояти фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ аз таркиби ҷиноятҳои ба он монандро дида баромада, фикру назарҳои худро иброз намудааст. Дар маҷмуъ, муаллиф проблемаҳои фаъолияти ғайриқонунии бонкиро ҳамчун ҷиноят ошкор намуда, ҷиҳати мукаммал гардонидани м. 263 КҶ ҶТ таклифу пешниҳодҳо манзур намудааст.

Вобаста ба ин, навгониҳои муаллифи автореферратро ҳамчун падидаи прогресивӣ дастгирӣ бояд кард. Зеро, муаллиф дар доираи таҳқиқоти анҷомдода сари камбудиҳои м. 263 КҶ ҶТ руҷӯъ намуда, бахри такмил додани қонунгузории ҷиноятии ватанӣ кушиши зиёд ба харҷ додааст.

Аз ин нуктаи назар, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии М.Ҷ. Раҳмонзода илман асоснок буда, бо далелу асосҳои боварибахши назариявӣ, ҳуқуқӣ, омор ва амалияи судиву тафтишотӣ мустаҳкам шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои муаллифи автореферат оид ба танзими қонунгузории ҷиноятӣ оид ба фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ равона гардидааст.

Дар маҷмӯъ, бояд гуфт, ки автореферати диссертатсияи номзадии Раҳмонзода Муҳаммад Ҷамшед мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, дар он масъалаҳои бамиёнгузошта аз лиҳози илмӣ пайдарпай ва асоснок матраҳ гардида, аз рӯи диди тоза ва мантиқ таҳлил гардида, сазовори баҳои мусбат аст.

Дар баробари таҳқиқоти пурра анҷомёфтаи Раҳмонзода Муҳаммад Ҷамшед баъзе аз камбудиҳое ҷой дорад, ки қимати автореферати диссертатсияро коста намегардонад, чунки ин камбудиҳо дорои хусусияти ҷузъист. Камбудиҳои зерин дар автореферати диссертатсия ба мушоҳида расиданд:

1. Таҳлили муносибатҳои бонкӣ чун объекти ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятӣ нишон медиҳад, ки он аз ҷониби наҳамаи олимони соҳа эътироф мегардад. Вобаста ба ин, пурсида мешавад, ки муаллифи диссертатсия бо дарназардошти кадом маҳакҳо фаъолияти бонкиро чун объекти мустақили ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятӣ эътироф намудааст.

2. Омузиши матни автореферат нишон медиҳад, ки муаллифи диссертатсия оид ба таърихи ташаккул ва рушди муносибатҳои бонкӣ ҳамчун объекти ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятӣ аз замони ҳамроҳшавии сарзамини тоҷикон ба Русияи подшоҳиро мансуб медонад ҳоло он, ки муносибатҳои бонкӣ дар таърихи давлатдории тоҷикон аз ин ҳам пештар

бавуҷуд омада буд (саҳ. 18). Пас, пурсида мешавад, ки Раҳмонзода М.Ҷ. бо кадом асосҳо ба ин хулоса омадааст.

Новобаста аз эъродҳои зикршуда метавонад хулоса намуд, ки таҳқиқоти гузаронидашуда боиси такмили меъёрҳои амалкунандаи қонунгузории ватанӣ гардида, бахри такмили фаъолияти бонкӣ, фаъолияти қонунгузорӣ, судҳо ва дигар мақомот гардад.

Ҳамин тавр, хулоса кардан мумкин аст, ки таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Раҳмонзода Муҳаммад Ҷамшед сазовори дарёфтаи дараҷаи илмии **номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ** аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

**Муқарриз:**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**Прокурори ҳарбии гарнизони Бохтар,**
**полковники адлия** **Тоҳирзода Н.У.**